**Тақризи**

**муқарризи расмӣ Азизова Мастона Ҳамидовна ба диссертатсия ва автореферати Азизова Заррина Шавкатовна дар мавзуи «Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардидааст.**

Зарбулмасал яке аз густурдатарин жанрҳои хурд дар эҷодиёти шифоҳӣ ба шумор рафта, аз воқеаҳои зиндагӣ гирифта шудааст ва таърихи беш аз ҳазорсола дорад, ки моҳияти ҳодисаҳои мураккаби ҳаётро баён мекунад.

Мусаллам аст, ки зарбулмасал ва мақол суханони образноки халқие мебошанд, ки ба осонии ҳайратовар ва шабеҳи саҳли мумтанеъ моҳияти ҳодисаҳои хеле мураккабро осонфаҳму дастрас ифода менамоянд. Чистонҳои шавқовар ва зарбулмасалу шеърҳои дилкаш ба тасвири чизҳои зиндагӣ бахшида, хотироти касро мустаҳкам мекунад, диққати онҳоро ба тобишҳои аҷоибу ғароиби табиат ҷалб месозад

Зарбулмасалҳо дар давраҳои гуногуни зиндагонӣ, дар муҳити муайяни иҷтимоӣ, дар шароитҳои сиёсӣ-иқтисодӣ бо мазмунҳои гуногун ба вуҷуд омада, кор фармуда шудаанд. Дар зарбулмасалҳо муносибати иҷтимоӣ ва муносибати равшани нисбат ба ҳодисаҳои табиат доштаи халқ акс ёфтааст.

Дар зарбулмасалу мақолҳои эҷодиёти шифоҳӣ зиндагию маишат, ҷаҳонбинӣ, марзҳо ва меъёрҳои одобу ахлоқ, арзишҳои этникӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ бозтоб шудаанд, ки инро хонандагони хушзеҳн ба осонӣ дармеёбад. Ин навъи жанри фолклорӣ ақида, ҷаҳонбинӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҷрибаҳои ҳаётӣ, заковат ва ахлоқи оммаи васеи мардумро ба таври хеле сода, муъҷаз ва пурмазмуни бадеӣ ифода менамояд. Зарбулмасалҳо ба кӯдакон барои омӯхтани олами атроф, дарк кардани падидаҳо, ҳодисаҳои гуногун кумак мекунанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаи Азизова Заррина Шавкатовна ба муқоисаи вижагитҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо, роҷеъ ба маънои зарбулмасалу мақол, сохтори морфологии онҳо ва дар шакли ҷумлаҳо бахшида шудааст.

Чӣ тавре, ки диссертант закр менамояд, мундарича, маъно, ғояи зарбулмасал ва мақолҳо мавриди тадқиқоти фолклоршиносон қарор гирифтаанд, аммо сохтори грамматикии онҳо, ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ кам тадқиқ гаштааст. Инчунин, ин муаммо ба таври муқоисавӣ пурра тадқиқ нагаштааст. Маҳз ҳамин масъалаҳо мубрамӣ ва воқеияти таҳқиқоти мазкурро ба миён овардааст.

Муаллифи диссертатсия пеши худ мақсад гузоштааст, ки сохтори грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати морфологию синтаксисӣ ва муайян намудани изоморфизм ва алломорфизм дар онҳо мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Инчунин қайд кардан зарур аст, ки ба асосҳои назариявию методологии диссертатсия таҳқиқотҳои бунёдии олимони шинохта ба монанди М. Фозилов, Ҳ.М. Маҷидов, Я.И. Калонтаров, Б.К. Тилавов, М.Н. Азимова, М.М. Раҷабова, А.В. Кунин, Г.Л. Пермяков, В.И. Дал, В.В. Виноградов, Е.Н. Платонова, Р.А. Майтиева, В.П. Аникина, А. Тейлор ва дигарон хизмат намудаанд, ки хулосаҳои назариявӣ ва амалии корро тақвият медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама бори аввал мавриди муқоиса қарор гирифтани сохтори грамматикӣ – морфологӣ ва синтаксисии зарбулмасалу мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян шудааст.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 161 саҳифаи ҳуруфи компютерӣ иборат мебошад. Дар ҳар як боб ва зербобҳо вазифаҳои асосии мавзуи мазкур якдигарро пурра гардонида, диссертатсияро мукаммал гардонидааст.

Дар муқаддима диссертант мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, навгонии илмӣ ва арзиши амалии корро асоснок кардааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян сохта, муаллиф заминаи сарчашмаро тавсиф намуда, аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян кардааст.

Дар боби аввал, ки “Зарбулмасалу мақолҳо – объекти тадқиқоти лингвистӣ” номгузорӣ шудааст, аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масъалаҳои таърихи пайдоиши зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ зери омӯзиш қарор дошта, таҳлил карда мешаванд. Муаллиф омӯзиши зарбулмасалу мақолҳоро ҳамчун мавзуи асосии таҳқиқоти забоншиносии муосир тасвир медиҳад. Зарбулмасалу мақолҳо яке аз навъҳои фолклор буда, аз давраҳои қадим зуҳур намуда, бо дигар

жанрҳои адабӣ ба монанди панд, чистон, латифа, масал, рубоӣ дар тамоси наздик инкишоф ёфтаанд. Бо назардошти маводи амалӣ муаллиф қайд менамояд, ки аввалин зарбулмасалу мақолҳо аллакай дар матнҳои солномаҳо, дар навиштаҷоти қадимаи русӣ ва англисӣ вомехӯранд, дар ҳоле ки тадқиқу таснифоти илмии онҳо ба давраи баъдтар таалуқ дорад. Дар ҷараёни инкишофи таърихӣ баъзе аз зарбулмасаҳо тамоман манбаъҳои пайдоиши худро гум укардаанд. Дар ин боб инчунин сухан дар бораи мансубияти зарбулмасалу мақолҳо ба фразеологизмҳо сухан меравад, ки хусусиятҳои грамматикиву услубии махсус доранд. Ба ақидаи диссертант калимаҳои серистеъмоли ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, калимаҳое мебошанд, ки бо ҳаёт ва меҳнати ҳаррӯзаи инсон алоқамананданд , аз ин рӯ, ӯ пеш аз ҳама ба ҳамин масъала таваҷҷуҳ намудааст. Ба андешаи муаллифи диссертатсия, фразеологизмҳо воҳидҳои хеле мураккаб ва пурасрори забон маҳсуб меёбанд ва дар худ оламеро ғунҷоиш додаанд, ки фарогири вижагиҳои луғавию лексикологӣ, морфологӣ ва синтаксисианд.

Дар раванди таҳқиқоти таҳлилӣ, муаллиф оид ба сарчашмаҳо ва сабабҳои пайдоиши зарбулмасалу мақолҳо бо омӯхтани таҳқиқоти олимон истода мегузарад ва шумораи зиёди сарчашмаҳое, ки ба ин мавзӯъ вобастагӣ доранд, истифода бурдааст.

Дар боби мазкур роҷеъ ба маънои зарбулмасалҳову мақолҳо дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Инчунин муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки мазмуни зарбулмасалҳо мушаххас мебошанд, онҳо ҳаётро нисбат ба воҳидҳои дигар пурратар инъикос мекунанд. Ба ақидаи диссертант, мо дар зарбулмасалҳо маданият, урфу одатҳои халқро мебинем, чӣ будани неку бадро дарк намуда, ҳис мекунем, ки онҳо барои тарбия воситаи оличаноб мебошанд.

Боби дуюм “Сохтори морфологии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” ном гирифта, он аз панҷ зербоб иборат аст.

Зербоби якум ба мавқеи исм ва сифат дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои гуногунсохтор бахшида шудааст. Ҳангоми омӯзиши ин масъала бештар ба хусусиятҳои морфологии зарбулмасалу мақолҳо дар ду забони муқоисашаванда маълумот оварда шудааст. Диссертант дар раванди таҳлилҳо далелҳои бисёрро мисол овардааст. Маълум гардидааст, ки зарбулмасалу мақолҳо пеш аз ҳама аъ рӯйи сохтори худ ҷумла мебошанд. Чи тавре, ки муаллиф қайд мекунад, ба

ақидаи М.М. Раҷабова дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ба сифати компонентҳои асосӣ қариб ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нутқ меоянд ва истифодаи ҳар яки онҳо хусусияти худро дорад. Муаллиф тасмим гирифтааст, ки кори худро аз исм оғоз намояд.

Инчунин дар ин боб мавқеи ҷонишинҳо, исм ва сифат, ҷонишинҳо, шумора ва зарф, феъл, ҳиссаҳои номустақили нутқ дар системаи зарзарбулмасал ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Боби сеюм оид ба "Сохтори синтаксисии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" маълумот оварда шуда он аз се зербоб иборат аст. Муаллиф дар он ақида аст, ки аз нуқтаи назари сохтори синтаксисӣ зарбулмасалҳои ҳар ду забон ба намуди ҷумлаҳои сода ва мураккаб тақсим мешаванд, зеро онҳо аз як ҷумла – сода ё якчанд ҷумла таркиб ёфтаанд. Инчунин муаллифи диссертақия қайд менамояд, ки сохтори синтаксисии зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ аз тарафи забоншиносон то ҳол пурра тадқиқ нашудааст, корҳои алоҳида иҷро шудаанд, аммо то охир ҳалли худро наёфтаанд.

Дар хулоса муаллиф дар ҳамаи самтҳои таҳқиқот ба таври кофӣ муфассал ва равшан натиҷабардорӣ кардааст. Дар ҳар банди хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқики мавзуъ асоснок ва боэътимод ҷамъбаст гардидаанд.

Арзиши назариявии кор бо таҳлил ва баёни назариявии хусусиятҳои умумӣ ва ба худ хоси қолабҳои сохторӣ-маъноӣ, муқоисавӣ ва инъикосшавандаи зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ алоқаманд мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун маводи шарҳдиҳанда ва илмӣ ҳангоми хониши курсҳои луғатшиносӣ ва истилоҳшиносӣ, дар тайёр намудани маводи таълимӣ, луғат, таҷрибаомӯзӣ ёрӣ расонанд. Инчунин онҳо барои тарҷумонони забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ манфиатнок буда метавонанд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ тавассути 11 мақолаи илмӣ сурат гирифта, 4-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумуҳурии Тоҷикистон, 4-то дар маҷмуаи конференсияи байналмилалӣ ва 3-то дар маҷмуаи конференсияи ҷумҳуриявӣ, ба чоп расидаанд.

Барасмиятдарории диссераттсия дар умум ба талаботи КОА ҷавобгӯ буда, ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар қатори дастовардҳои илмӣ, дар кор баъзе камбудиҳоро мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Ба фикри мо, аз сабабе, ки матни рисолаи мазкур ба забони тоҷикӣ аст ва дар КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя мешавад, ба манфиати кор мешуд, агар аввал забони тоҷикӣ, баъдан муқоиса бо дигар забон тадқиқ бурда шавад.
2. Дар диссертатсия хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро бояд бартараф намуд (саҳ. 4., 5, 7, 13, 51, ва ғ.)
3. Баъзе иқтибосҳои дар диссертатсия овардашуда бо сабабҳои техникӣ ба рӯйхати адабиёт мувофиқат намекунанд.
4. Дар матни автореферат низ нуқсонҳои таҳририву техникӣ ба назар мерасанд.

Дар умум бояд қайд намуд, ки диссертатсия барои тақиқотҳои оянда дар чорчӯбаи забоншиносии муқоисавӣ имкониятҳои навро пешниҳод мекунад ва диссертант кори бузург ва душворро ба ҷо овардааст. Камбудиҳои ишорашуда арзиши илмии таҳқиқотро паст намекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки диссертатсияи Азизова Зарина ба тамоми талаботҳои КОАи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои пешниҳоди рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Н.и.ф. дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати АИД назди ПрезидентиҶумҳурииТоҷикистон
Азизова Мастона Ҳамидовна

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел: (+992) 92-888-32-32
e-mail: mastonakhon_12@mail.ru

Имзои Азизова М. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
«12» январи с. 2024. Ҳамидов Шоҳрух Бозорович